**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Акрамов Муртазо Иномович дар мавзӯи «Муборизаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар охири XIX ва аввали асри XX» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 -Таърихи ватанӣ. – Душанбе, 2020. -62 с.**

Омӯзиши равандҳои асосии таърихи муосири Тоҷикистон аз авлавиятҳои илми таърихнигории ватанӣ буда, дар ин самт мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ки аз проблемаҳои асосии ҷаҳони муосир мебошад, хеле зарурӣ аст. Диссертатсияи унвонҷӯ Акрамов М.И. ба таҳқиқи чунин мавзӯи рӯзмарра бахшида шудааст. Рисола аз сарсухану охирсухан, 2 боб, шаш зербоб, рӯйхати адабиёт ва замима таркиб ёфтааст. Дар сарсухан муаллиф асосҳои назариявӣ ва амалии диссертатсияро дарҷ кардааст.

Боби нахустин рисола «Заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии афзоиши ҷинояткорӣ дар соҳаи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои асосии муқовимат» ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад.

**Дар зербоби якум** муаллиф перомуни афзудани қочоқи маводи мухаддир дар пасманзари тағйироти геополитикии минтақа дар охири асри XIX ва аввали асри XX маълумот додааст. Қайд карда мешавад, ки истиқлоли сиёсӣ ва ба дунболи он шурӯи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон сабаб шуд, ки аз кишвари ҳамсоя қочоқи маводи мухаддир ба як ҳодисаи муқаррарӣ мубаддал ғардад. Муаллиф хулоса мекунад, ки бархӯрди геополитикии миёни бозигарони ҷаҳонӣ ва минтақавӣ аз омилҳои ривоҷ ёфтани қочоқи маводи мухаддир гардид.

**Дар зербоби дувум**, муаллиф ба муборизаи мустақими Тоҷикистон алайҳи гардиши маводи мухаддир маълумот додааст. Дар ин замина иродаи

устувори роҳбарияти кишвар ва кӯмаки созмонҳои ҷаҳонӣ дар муваффақиятҳои ба даст омада махсусан ёдоварӣ ғардидааст. Акрамов М.И. ба хулосае омадааст, ки гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир тамоми паҳлуҳои ҳаётӣ ҷамъиятӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳти таъсири худ қарор додааст.

**Дар зербоби савуми** боби аввал дар хусуси нақши Ҷумҳури Тоҷикистон дар амри таъмини суботу амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ сухан ба миён омадааст. Дар ин қисмат нақши калидии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дарозтарин марз бо макони тавлиди маводи мухаддир – Афғонисторо дорад, дар минтақа ва таъмини амнияту суботро баррасӣ кардааст. Ин талоши Тоҷикистон дар роҳи мубориза алайҳи ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ низ судманд қарор гирифтааст.

Боби дуюми рисолаи Акрамов М.И. «**Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хорҷӣ дар соҳаи мубориза бо ғардиши ғайриқонунии маводи мухаддир** » ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Зерфасли аввал «Ташаккули институтҳои байналмиллалӣ ва миллӣ оид ба мубориза бо гардиши» ном дорад. Муаллифи рисола ҳамкории созмонҳои бонфузи ҷаҳонӣ, аз ҷумла СММ, кишварҳои ИДМ, СҲШ ва ғайраро самарабахш тавсиф карда, дар чанд ҷадвал натиҷаҳои воқеии ин ҳамкориро низ таҳлилу баррасӣ кардааст.

Дар зербоби дувум, «Ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ дар мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир» робитаи мақомоти тоҷикистонӣ бо ҳампоёни хориҷии худ ва созмону ташкилоти гуногунро баррасӣ кардааст. Фаъолияти чанд комиссия дар ин ҷода хеле барҷаста тасвир шудааст. Бастани аҳдномаву қарордодҳои дуҷониба низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Зербоби савуми рисола «Марҳилаҳои асосӣ ва самтҳои мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном

дошта, соли 1996-ро дар ин замина муҳиму таърихӣ арзёбӣ кардааст. Қабули чанд барномаи муҳим ва марҳилаҳои татбиқи он низ дар автореферат инъикоси худро ёфтааст.

Хулосаҳои муаллифӣ низ муфассал ва мудаллал буда, шаш тавсияи муаллиф ҷиҳати чорасоз гаштани ин мубориза низ ҳадафманд мебошад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Акрамов М.И. шаҳодат аз он медиҳад, ки муаллифи як муҳаққиқи пухтакор буда, таҳқиқоти ӯ дар илми таърих саҳифаи наверо боз кардааст. 9 мақолаи унвонҷӯ ба мавзӯи ӯ рабт дошта, дар маҷаллаву маҷмуаҳои боъэтибор ба нашр расидаанд. Вобаста ба ин хулоса мекунем, ки рисолаи Акрамов М.И. дар мавзӯи «Муборизаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар охири XIX ва аввали асри XX» кори бaанҷомрасида мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 -Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи
фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Муллоҷонов А.К.

Имзои дотсент А.Муллоҷоновро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ Раҷабов Б.С.